# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).**

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ бахшида шуда, интихоби мавзуъ замонавию саривақтист, зеро дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи намояндагони ҳавзаи адабии Хуҷанд ва осори эшон ба таври умумӣ бори нахуст мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва осори таҳқиқӣ иборат мебошад.

**Муқаддима**и автореферат фарогири бахшҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад, вазифа, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосӣ, дараҷаи эътимоднокӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия буда, ҳар бахши он ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Боби аввали диссертатсия** – «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX»-ро унвонҷӯ ба муайяну мушаххассозии вазъи адабӣ, сарчашмашиносӣ, мавзуъ ва мундариҷаи ашъор, ҷараёни адабиёти дузабона, саҳми бонувони суханвар дар рушди адабиёти давраи таҳқиқ бахшида, масъалаҳои мазкурро дар доираи чор фасл баррасӣ намудааст.

Унвони **боби дуюми диссертатсия** – «Таҳаввули жанрҳои адабӣ» мебошад, ки муаллиф махсусияти жанрҳои бадеиро дар се фасл –

«Жанрҳои хурди ғиноӣ», «Жанрҳои бузурги ғиноӣ» ва «Анвои дигари адабии манзум ва мансур» таҳлилу тафсир намудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия «Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» унвон гирифта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Муҳаққиқ дар мавриди ҷараёнҳои роиҷи давр, ҳамчунин зуҳури шеъри нав бо овардани далелу намунаҳои шеърӣ андешаҳояшро иброз намуда, дар мавриди фасли сеюми ин боб «Заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав» омилҳои пайдоиши шеъри навро дастабандӣ кардааст, аз ҷумла, роҳ ёфтани калимаҳои русиву аврупоӣ, корбурди калимаву таркибҳои омиёна, ашъори ифодакунандаи мактабу улуми замонавӣ ва ашъори ватандӯстиро дар ашъори шоирони мавриди назараш таҳлил намудааст.

«Вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ»-ро муҳаққиқ дар фасли чоруми боби мазкур шарҳу таҳлил намуда, таъкид месозад, ки шуаро барои ороиши сухан ва таъмини назокату балоғати калом аз муҳимтарин санъатҳои бадеии лафзӣ ва маънавӣ – ташбеҳу истиора, муболиғаву таҷнис, тамсил, сифатчинӣ ва монанди ин истифода намудаанд.

Муаллиф дар охири диссертатсия аз таҳқиқи анҷомпазируфта дар 15 банд хулосаҳои муҳим баровардааст, ки мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур, баробари муҳассанот, баъзе аз камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрири оянда кор манфиатбахш хоҳад буд:

1. Баъзе аз ҷумлаҳо тӯлонӣ ба назар мерасанд. Агар андешаҳо дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ ифода мешуд, беҳтар буд;
2. Дар қисмати русии автореферат гоҳе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасад, аз ҷумла, исми шоир Мунирхон Муинзодаи Хуҷандӣ, ки борҳо дар автореферат зикр шудааст, як маротиба (саҳ. 9- қисмати русӣ) ба шакли Мунирхон Мунирзодаи Хуҷандӣ зикр шудааст.

Норасоиҳои мавҷуда арзиши таҳқиқи анҷомёфтаро кам намесозанд ва онҳо ислоҳпазир мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи **«Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX»** ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, докторант ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
МДТ «Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур»

Ҷурғосиев Мулоаҳмадшо Ҷурғосиевич

01 феврали соли 2023

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
E-mail:ahmadshoh@interhet.ru

Имзои М.Ҷ. Ҷурғосиевро тасдиқ мекунам
Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
МДТ «Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур» Раҷабова Н. А.